Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон (734061, ш. Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Дадоматов Д.Н. ба диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзуи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули “иқтисоди сабз”: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст.

1. Мубрамият ва зарурияти баргузории таҳқиқот

Аҳамияти мавзӯи тадқиқот. Дар шароити рушди босуръати иқтисодиёт масъалаи ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мадди аввал қарор дорад. Таҷрибаи ҷаҳони муосир исбот менамояд, ки имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои ҷомеа дигаргуниҳою тағйиротҳоро бо падидаи рушди иқтисоди “сабз” алоқаманд меҳисобанд. Тавре маълум аст, нуқтаи ибтидоии рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” барои солҳои 2023-2037 ба шумор меравад. Мусаллам аст, ки дар шароити рушди баландсуръати илм ва истеҳсолот барои дар амал татбиқ намудани принсипҳои иқтисоди “сабз” идоракунии фаъолияти соҳибкории экологӣ ва рушди он манфиатовар арзёбӣ карда мешавад. Ҳамчунин, қайд намудан зарур аст, ки ҳангоми ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар мамлакат раванди ташаккули иқтисоди “сабз” беҳтар мегардад. Қайд намудан зарур аст, ки бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологии кишвар ва дар амал татбиқ намудани принсипҳои иқтисоди “сабз” бояд ташаккул ва рушди босуботи соҳибкории экологӣ дар ҷумҳурӣ роҳандозӣ карда шавад, зеро он метавонад дар рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон тавассути истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза саҳми босазои хешро гузорад.

Муаллифи диссертатсия дар асоси таҳлили таҳқиқоти олимони маъруф дар самти идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” ба хулоса омадааст, ки таҳқиқи иқтисоди “сабз” ва идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули он ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст, зеро паҳлӯҳои муҳими масъалаи мазкур аз нигоҳи назариявию амалӣ, методиву методологӣ ва рушди стратегии он таваҷҷӯҳи хосаро талаб менамояд.

Муҳимияти мавзӯи баррасишаванда ба таҳқиқи васеи мушкилоти болозикр алоқаманд аст. Ҳамин тавр, интихоби мавзӯъ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Досиев Маҳмадшоҳ Назаровичро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст. Ҳадафи таҳқиқот инкишофи муқаррароти илмии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” ва асосноккунии таъмини шароити мусоид барои рушди соҳибкории экологӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такомули идоракунии рушди соҳибкории экологӣ мебошад, ки дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам маҳсуб меёбад.

2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд

Муаллиф дастовард ва нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ, махсусан таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати саноат пешрафтаро оид ба таъмини рушди босубот ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам экологӣ эҷодкорона истифода намудааст. Ҳамчунин маводи омории расмии нашршуда, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, маводи конфронсҳои илмӣ-амалиро доир ба масъалаҳои таҳқиқшаванда моҳирона мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст.

Дар диссертатсия асоснокии хулоса ва пешниҳод ва сатҳи илмияти он гувоҳӣ медиҳанд, ки муаллиф асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷиро дар самти идоракунии рушди соҳибкории экологӣ, муаммоҳои арзёбии вазъи муосири фаъолияти соҳибкории экологӣ, инчунин ташаккули онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эҷодкорона истифода намудааст.

Муаллиф бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла усули муқоисавӣ, таҳлилу синтез, таҳлили сохторию функсионалӣ, оморию иқтисодӣ, индексӣ, индуксия ва дедуксия, инчунин истифодаи

усулҳои маҷмуӣ имконият пайдо кардааст, ки ба ҳадафи асосии таҳқиқот – коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии такомули идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" муваффақ гардад.

Заминаи иттилоотии таҳқиқоти илмиро дастурҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои соҳавӣ, асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва ҳисобот, ки ба масоили ташаккули иқтисоди "сабз" ва идоракунии рушди соҳибкории экологӣ бахшида шудаанд, ташкил додаанд.

Навоварии илмии диссертатсия дар гузориш ва асосноккунии заминаҳои назариявӣ ва методологӣ, методӣ оид ба такмили идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин тавсия ва пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ оид ба баланд бардоштани нақш ва мақоми масъалаи мазкур дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" инъикоси худро меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд, ки муаллиф оид ба мавзуи баррасишаванда адабиёт ва дастовардҳои илмиро хеле эҷодкорона истифода намуда, мустақилона далелҳои омориро вобаста ба ҳадафи таҳқиқот гирд оварда, мавриди коркард ва таҳлили амиқ қарор додааст.

3. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Досиев М.Н. дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба анҷом расонида шуда, ба шиносномаи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ мувофиқат менамояд.

4. Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда

Навоварии илмии диссертатсияи тақризшаванда дар он таҷассум меёбад, ки муқаррароти илмӣ-амалӣ оид ба идоракунии рушди

соҳибкории экологӣ дар шароити иқтисоди “сабз” бо тарзи маҷмуӣ ва бонизом арзёбӣ гардидааст. Натиҷаҳои назарраси илмии рисола аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст:

-дар диссертатсия асосҳои илмию назариявии мафҳуми «иқтисоди сабз» мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, он ҳамчун унсури муҳим ва тамоюли муосири рушди устувори иқтисоди ҷаҳонӣ арзёбӣ гардидааст. Таърифи муаллифии иқтисоди «сабз» пешниҳод гардидааст, ки ба қобилияти ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, коҳиш додани хатарҳои экологӣ ва мусоидат ба суботи иҷтимоӣ такя мекунад. Муаллиф дар асоси таҳлили асноди байналмилалӣ, адабиёти илмӣ ва маълумоти оморӣ принсипҳо ва механизмҳои асосии ташаккул ва рушди «иқтисоди сабз»-ро муайян намуда, таъсири онро ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди устувор нишон додааст.

-моҳият ва хусусиятҳои соҳибкории экологӣ дар сохтори «иқтисоди сабз» бо назардошти таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии он баррасӣ шудаанд. Муаллиф мафҳуми соҳибкории экологиро бо такя ба равишҳои назариявии мавҷуда ва ворид кардани тафсири муаллифӣ ба гардиши илмӣ, ки нақши соҳибкории экологиро ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи иқтисоди «сабз» таъкид мекунад, муфассал шарҳ додааст. Ба таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии соҳибкории экологӣ диққати махсус дода шуда, дар асоси он тавсияҳо барои рушди он дар шароити иқтисоди миллӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф таҷрибаҳои муваффақро аз кишварҳои гуногун таҳқиқ намуда, омилҳои асосии пешрафт ва монеаҳоро дар рушди соҳибкории экологӣ муайян кардааст.

-дар кори диссертатсионӣ механизм ва принсипҳои идоракунии рушди соҳибкории экологӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки саҳми назаррас дар заминаи методологии таҳқиқоти рушди устувор ва соҳибкории экологӣ мебошад. Муаллиф равиши маҷмӯиро пешниҳод кардааст, ки он имкон медиҳад на танҳо саҳми мустақими соҳибкории экологӣ тавассути коҳиши таъсири манфӣ ба муҳити зист ва самаранокии истифодаи захираҳо баҳо дода шавад, балки таъсири ғайримустақими он тавассути татбиқи навовариҳо, иштироки фаъол дар баланд бардоштани маърифати экологӣ ва ташкили ҷойҳои кории “сабз” объективӣ арзёбӣ карда шавад. Ин механизм таҳия ва мутобиқсозии нишондиҳандаҳои мавҷудаи самаранокии экологиро барои татбиқи онҳо

дар соҳаҳои мухталиф ва миқёси корхонаҳо бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти иқтисодӣ ва шароити иқтисодии миллӣ дар бар мегирад.

-дар таҳқиқот омилҳои асосии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити муосир ошкор гардидаанд. Муаллифи диссертатсия омилҳои ба рушди соҳибкории экологӣ таъсиррасонро ҳамаҷониба таҳлил ва гурӯҳбандӣ намудааст. Дар рисола таснифоти муфассали ин омилҳо, аз ҷумла ҷанбаҳои берунӣ ва дохилӣ, аз таҳдидҳои глобалии экологӣ ва қонунгузории байналмилалӣ то сиёсатҳои миллӣ, хусусиятҳои фарҳангӣ ва салоҳиятҳои инфиродии соҳибкорон оварда шудааст. Ин таҳлил бо таҳияи тавсияҳои муаллиф оид ба ташаккули муҳити мусоид барои соҳибкории экологӣ, аз ҷумла зарурати ҳамгироии устуворӣ ба барномаҳои таълимӣ ва стратегияҳои соҳибкорӣ пурра карда шудааст.

-таҳлили ҳолати муосир ва тамоюлҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида шудааст. Дар таҳқиқот вазъи муосири фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таваҷҷуҳ ба рушди соҳибкории экологӣ арзёбӣ гардида, тамоюлҳо, мушкилот ва имкониятҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар заминаи устуворӣ экологӣ муайян карда шудааст. Муаллиф таъсири сиёсати миллии иқтисодӣ, экологӣ ва инноватсиониро ба рушди соҳибкории экологӣ арзёбӣ намудааст, ки ба таҳияи самтҳои стратегии дастгирӣ ва рушди он имконият медиҳад.

-дар диссертатсия ҳамчунин арзёбии вазъи рушди соҳибкории экологӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ амалӣ гардидааст. Муаллиф ба таври муфассал таъсири соҳибкории экологиро ба равандҳои саноатикунонии босуръат бо назари навоварона муайян намудааст. Дар таҳқиқот ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфии ин ҳамкориро таҳлил намуда, мушкилот ва имкониятҳои асосии соҳибкории экологиро дар заминаи саноатикунонии босуръат таъкид мекунад. Тавсияҳои дар асоси таҳлил гузаронидашуда ба ҳадди аксар расонидани манфиатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ аз рушди саноат, аз ҷумла пешниҳодҳо оид ба ҳамгироии таҷрибаҳои устувори экологӣ ба равандҳои истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии навовариҳо дар соҳаи экология ва рушди устувор равона карда шудаанд.

-моҳият, махсусият ва самтҳои асосии танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории экологӣ бо назардошти ҳамгироии ҷумҳурӣ ба равандҳои глобалӣ муайян карда шудааст. Дар диссертатсия таҳлили сиёсатҳо ва тадбирҳое, ки ба дастгирии соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд, бо назардошти ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф муайян кардааст, ки чӣ гуна ҳамкории байналмилалӣ ва ташаббусҳои глобалии экологӣ ба ташаккули сиёсати дохилии экологӣ ва амалияи дастгирии соҳибкории "сабз" таъсир мерасонанд. Тавсияҳои таҳияшуда доираи чорабиниҳоро доир ба ҳавасмандгардонии молиявӣ ва такмили барномаҳои таълимӣ, ки ба ташаккули муҳити мусоид барои рушди соҳибкории экологӣ нигаронида шудаанд, фаро мегиранд.

-дар рисолаи илмӣ нақши мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар рушди устувори соҳибкории экологӣ муайян гардидааст. Аз ҷониби муаллиф таҳлили ҳамкории субъектҳои соҳибкории экологӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ анҷом дода шуда, ҷанбаҳои асосии дастгирии онҳо дар заминаи ҳавасмандгардонии рушди устувор дар сатҳи маҳаллӣ муайян гардидааст. Дар таҳқиқот, махсусан аҳамияти таҳия ва татбиқи барномаҳо ва ташаббусҳои маҳаллии экологӣ, ки ба фароҳам овардани шароит барои ташаккул ва рушди соҳибкории ба муҳити зист нигаронидашуда ва таҳкими масъулияти иҷтимоии он мусоидат мекунанд, асоснок гардидааст.

-дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» таҳия гардидааст. Ба қатори самтҳои стратегӣ барои рушди соҳибкории экологӣ, аз ҷумла инноватсия, навсозии технологӣ, дастрасӣ ба маблағгузорӣ, баланд бардоштани маърифати экологӣ ва ғайра пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин соҳаҳои асосии рушди соҳибкории экологӣ, ба монанди саноати "сабз", кишоварзии "сабз", нақлиёти "сабз", сайёҳии "экологӣ" ва ғайра муайян гардидаанд. Муаллиф муносибати ҳамаҷонибаи банақшагирии стратегиро дар асоси таҳлили хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ, инчунин талабот ва имкониятҳои корхонаҳои самти экологӣ асоснок намудааст. Ин самтҳо барои ташаккули сиёсати самараноки дастгирии соҳибкории экологӣ, ки ба гузариш ба «иқтисоди сабз» мусоидат мекунад, заминаи асосӣ ба ҳисоб мераванд.

-тавсияҳо оид ба беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ ва рушди маърифати экологӣ асоснок гардидаанд. Муаллиф тавсияҳои мушаххасро барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод кардааст. Ин тавсияҳо тадбирҳоро барои такмил додани заминаи қонунгузорӣ, содда кардани расмиёти маъмурӣ барои лоиҳаҳои экологӣ, пешниҳоди воситаҳои молиявӣ ва ҳавасмандгардонӣ, аз қабили имтиёзҳои андоз, грантҳо ва субсидияҳои экологӣ дар бар мегиранд. Илова бар ин, ба зарурати рушди маърифати экологӣ ва баланд бардоштани огоҳии ҷомеа дар бораи манфиатҳои рушди устувор ва соҳибкории экологӣ диққати махсус равона карда шудааст. Муносибати ҳамаҷониба барои ҳамгироии маърифати экологӣ ба барномаҳои таълимии ҳама сатҳҳо, аз давраи томактабӣ то таҳсилоти олӣ, инчунин ба барномаҳои таълими касбӣ ва такмили ихтисос пешниҳод карда шудааст.

5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ба ғанӣ гардонидани назарияҳои илмии рушди устувор ва иқтисодиёти кишвар мусоидат менамоянд. Дастовардҳои таҳқиқотро Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми коркарди барномаҳои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар асоси ба инобат гирифтани омилҳои экологӣ метавонанд истифода баранд.

Хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои илмии кор дар фаъолияти хоҷагидории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷараёни экологизатсияи истеҳсолот, ташаккули механизмҳои идоракунии фаъолияти соҳибкории экологӣ дар мамлакат, ҳамчунин дар коркарди нақшаву барномаҳои минтақавии рушди соҳибкориии экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” истифода карда мешаванд. Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот аз ҷониби Кумитаии ҳифзи муҳити зисти мамлакат дар ҷараёни таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои такмили идоракунии рушди фаъолияти соҳибкории экологӣ ва татбиқи стратегияи рушди иқтисоди “сабз” истифода бурда мешаванд. Ҷузъҳои

алоҳидаи кор, ки дар худ тавсияҳои назариявиро ҷиҳати такмили идоракунии рушди соҳибкории экологӣ фаро гирифтааст, дар таълими фанҳои «Асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ», «Менеҷменти экологӣ» ва «Экология», «Иқтисоди "сабз"» ва ғайра истифода бурда мешаванд.

6. Тавсифи умуми кори диссертатсионӣ

Сохтори кори диссертатсионӣ, гузориши мақсад ва мантиқи алоқамандии онҳо тасдиқ менамояд, ки муаллиф ба дарки масъалаҳо ва муаммоҳои назариявии масъалаҳои гузошташуда таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намуда, таъмини ҷанбаҳои назариявии ҳалли масъалаҳои такмили идоракунии рушди соҳибкории экологиро дар мамлакат коркард ва роҳандозӣ намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳод, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 344 саҳифаи матни компютериро бо 30 ҷадвал, 6 расм ва 7 диаграмма дар бар мегирад.

Дар боби якум – «Асосҳои назариявии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» - мафҳум ва моҳияти ташаккули иқтисоди «сабз», низоми идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар мамлакат, равишҳои методии арзёбии вазъи фаъолияти соҳибкории экологӣ ва истифодаи таҷрибаҳои хориҷӣ дар самти рушди идоракунии соҳибкории экологӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисоди "сабз" мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Зимни таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ ва низомбандии ақидаҳои олимон, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки раванди ташаккул ва татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз», ба қонеъ гардонидани талаботҳои инсон, бо дарназардошти таъсири мутақобила бо муҳити зист ва афзалияти некӯаҳволии наслҳои оянда диққати махсус медиҳад. Муаллиф зикр кардааст, ки иқтисоди « сабз» яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, дар пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ саҳми арзанда мегузорад (с. 27).

Муаллиф дуруст хулоса кардааст, ки дар илми иқтисодиёт оид ба вазъи идоракунии рушди соҳибкории экологӣ ва дар амал татбиқ намудани низоми иқтисоди «сабз» меъёру нишондиҳандаҳои зиёд мавҷуданд. Зеро, олимон эътироф менамоянд, ки рушди фаъолияти соҳибкории экологӣ дар шароити муосир барои такомул додани иқтисоди «сабз» ва амалӣ гардидани принсипҳои он, инчунин барои

истифодаи самараноки захираҳои табиӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, арзёбии сатҳи идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар мамлакат ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад. Масалан, натиҷаи фаъолияти соҳибкории экологӣ дар мамлакат вазъи экологиро тағйир медиҳад, рушди устуворро таъмин месозад ва ба эҳёи иқтисодиёти «сабз» ҳисса мегузорад, ки ин барои наслҳои оянда хеле зарур мебошад.

Инчунин, муаллиф тасдиқ менамояд, ки таъмини рушди устувор ҳадафи асосии «иқтисоди сабз» дар баробари баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар муҳити маҳдуди табиӣ ва ҳавасмандгардонии ҳамаҷонибаи "сабзгардонии" истеҳсолот мебошад ва ноил шудан ба рушди устувор асосан ба "сабз" гардонидани иқтисодиёт вобаста аст (с. 31).

Мавриди ба зикр аст, ки дар шароити муосир соҳибкории экологӣ метавонад роҳҳои самаранок истифодабарии захираҳои табииро ҷустуҷӯ намуда, мушкилоти мавҷударо ба нафъи давлату ҷомеа ҳал намояд.

Яъне, дар сурати рушду нумӯи фаъолияти соҳибкории экологӣ дар кишвар захираҳои табиӣ бо технологияи нав ва усулҳои муосири техникӣ коркард ва истифода бурда мешаванд, ки ин боиси беҳтар гардидани вазъи экологӣ дар кишвар гардида, ташаккули иқтисоди «сабз»-ро тақвият мебахшад.

Ҷараёни коркард ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ аз як тараф вазъи экологии мамлакатро хуб гардонад, аз тарафи дигар дар рушди босуботи иқтисоди "сабз" нақши босазо мегузорад.

Дар боби дуюм – «Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи соҳибкории экологӣ» – ташаккули вазъи идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз", таҳқиқ карда шуда, арзёбии принсипҳо ва омилҳои рушди он таҳлил гардидааст.

Муаллиф нуктаҳои мавзуи мазкурро асоснок намуда, механизми идоракунии рушди устувори соҳибкории экологиро дар шароити муосир пешниҳод намудааст (расми 2.1., с. 71). Дар расми мазкур такмили сиёсати давлатии соҳибкории экологӣ, ҳавасмандгардонии инноватсияҳо ва технологияҳои "сабз", арзёбии вазъи иқтисодию экологӣ, баланд бардоштани маърифати экологӣ, таъмини санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои соҳибкории экологӣ, рушди истеҳсолоти "сабз", истифодаи самарноки захираҳо, рушди таҳқиқоти илмӣ ва таъмини кадрии соҳибкории экологӣ, инчунин мониторинги экологӣ бо

мақсади арзёбии рушди самтҳои асосии фаъолияти соҳибкории экологӣ пешниҳод гардидаанд, ки механизмҳои мазкур метавонанд дар рушди соҳибкории экологӣ ва ташаккули иқтисоди "сабз" нақши арзанда гузоранд.

Инчунин, мавриди зикр аст, ки барои бартараф намудани омилҳои манфии таъсиррасон ба фаъолияти соҳибкории экологӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шавад ва зарур аст, ки дар баробари ташаккули базаи мукаммали қонунгузории ин соҳа ба соҳибкороне, ки дар рушд ва такомули раванди татбиқи иқтисоди "сабз" саҳми хешро мегузоранд, имтиёзҳо диҳем.

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки аз нуқтаи назари муаллиф, идоракунии фаъолияти соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" фаъолияти мақсаднок ва устувор оид ба ташкили муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии кишвар ба шумор рафта, ба натиҷаҳои назаррас ва ҳадафҳои пешбинишуда оварда мерасонад.

Инчунин, ба ақидаи муаллифи диссеттатсия соҳибкории экологӣ дар ҷараёни рушди худ метавонад вазъи экологии кишварро ба таври назаррас тағйир диҳад, муҳофизати муҳити зистро беҳтар намуда, масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои табииро мунтазам роҳандозӣ менамояд. Чунин мешуморад, ки бе беҳтар намудани вазъи молиявию иқтисодии ҷумҳурӣ ва сиёсати самарабахши макроиқтисодии он ҳалли мушкилоти экологӣ ва ноил шудан ба рушди устувор имконнопазир аст (с. 89).

Рисоланавис дар асоси омузиши тҳқиқотҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ исбот менамояд, ки соҳибкории экологӣ як соҳаи мустақили соҳаи саноат буда, маҷмӯи васеи маҳсулоти тиҷоратӣ дар шакли корхонаҳои истеҳсолӣ, истеҳсоли таҷҳизот, технологияҳои нав, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ ва ғайраро дар бар мегирад ва хусусияти фарқкунандаи ин бахши саноат дар он аст, ки мақсади пешбинишудаи натиҷаҳои фаъолияти он муҳофизати ҳифзи табиат ва инсон мебошад (с. 90).

Чунин ҳисобидан ба маврид аст, ки идоракунии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши муҳити зист ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии маҳалҳо ва минтақаҳо мусоидат намуда, дар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани вазъи экологии минтақаҳои

кишвар саҳми арзанда гузошта метавонад, ки ин моҳияти он дар раванди таҳқиқоти илмии муаллиф баён гардидааст.

Дар баробари ин, барои беҳтар гардондани вазъи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, бо мақсади такмили заминаҳои ҳуқуқӣ, меъёрӣ ва экологӣ дар раванди гузариши мамлакат ба модели пешбинишудаи рушди устувори экологию иқтисодӣ туфайли санадҳои таҳиягардида ва қабулшудаи меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи экология ва ҳифзи табиат муваффақиятҳои назаррас ба даст омаданд.

Бояд зикр намуд, ки ташаккули соҳибкории экологии замонавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳимтарини барномаҳои рушди устувори иқтисодии мамлакат буда метавонад. Истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, кор ва хизматрасониҳои таъиноти ҳифзи табиатдошта самти асосии фаъолияти соҳибкории экологӣ ба шумор рафта, омили асосии ташаккули иқтисоди "сабз" дар шароити саноатикунонии босуръати мамлакат ба шумор меравад.

Дар боби сеюм – «Шароитҳои иқтисодӣ ва экологии рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - тамоюлҳо ва самтҳои асосии вазъи иқтисодию экологии рушди соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, инчунин, ҳолати муосири рушди соҳибкории экологӣ таҳлил гардидааст. Ҳамзамон рушди соҳибкории экологӣ дар шароити саноатикунонии мамлакат мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар боби мазкури диссертатсия асоснок намудааст, ки сол то сол саҳми соҳибкорӣ дар иқтисодиёт афзуда, шурӯъ аз соли 2015, зиёда аз нисфи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ ташаккул дода мешавад.

Вазни қиёсии соҳибкорӣ дар ММД соли 2015-2022 ба ҳисоби миёна 63,4 фоизро ташкил медиҳад (с. 126), ки дар ин раванди рушди иқтисодӣ саҳми соҳибкории экологӣ низ назаррас ба шумор меравад.

Аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки табиати иҷтимоии соҳибкории экологӣ маънои мавҷуд будани заминаҳои муайяни иқтисодӣ ва ниёзҳои иҷтимоиро дошта, дар асоси принсипи "иқтисоди сабз фаъолияти истеҳсолии худро роҳандозӣ менамояд. Маҳз ҳузури таваҷҷӯҳи мардум ба хидматҳо ва маҳсулоти экологӣ асоси маънавию ахлоқӣ ва омили пешбарандаи рушди соҳибкории экологӣ мебошад.

Бо ин мақсад месазад зикр намуд, ки соҳибкорие, ки дар доираи муҳити зист ва экология фаъолият менамояд, бояд талаботи санадҳои

меъёрии ҳуқуқии бахши экологияро риоя намуда, самтҳои фаъолияти худро баҳри беҳтар намудани вазъи экологии кишвар ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза равона созад.

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки баъзе омилҳое ҳастанд, ки дар рушди соҳибкории экологӣ монеа эҷод менамоянд. Масалан, дар раванди таҳқиқот муаллиф дуруст қайд намудаанд,аз ки яке монеаҳои назаррас дар рушди соҳибкории экологӣ ин мушкилии таъминоти кадрӣ, инчунин мавҷуд набудани системаи муассир ва устувори омодасозии аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Барои такмили ихтисоси соҳибкорони экологӣ, инчунин кормандони дар ин раванд иштирокдошта бояд пешбинӣ карда шавад. Дар асоси ин, муаллифи диссертатсия чунин мешуморад, ки ба нақшаҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти умумӣ, коллеҷҳо ва донишгоҳҳо омӯзиши асосҳои соҳибкории экологиро ҷорӣ кардан зарур аст, зеро ҳисси масъулиятшиносӣ ва баланд бардоштани маърифати экологии ҷавонон бояд ҳарчи зудтар тарбия карда шавад (с. 149).

Мутобиқи хулосаи муаллиф таҳлили вазъи имрӯзаи экологӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурии мо вазъи иқтисодию истеҳсолӣ беҳтар гардида, барои тавсеаи рушди соҳибкории экологӣ шароити хуб ва ояндадор мавҷуд аст ва чунин шуморидан лозим аст, ки хоҳиши соҳибкорони ватании мо барои ташкил намудани соҳибкории экологии саноатӣ боқӣ мемонад.

Дар боби чоруми диссертатсия — «Танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - нақши давлат дар фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории экологӣ асоснок гардонида шуда, самтҳои асосии дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкории экологӣ муайян ва саҳми мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди босуботи соҳибкории экологӣ нишон дода шудааст.

Муаллф дар диссертатсия инъикос намудааст, ки маркази душворӣ дар танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосири рушди ҷомеа ба иштироки фаъоли давлат дар танзими ташкилию иқтисодии истеҳсолот мавҷуд мебошад. Раванди ташаккули низоми идоракунии комплекси саноатӣ мустақиман ба мавҷудияти манфиатҳо ё зиддияти гурӯҳҳои мухталиф дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ вобаста аст, ки ҳамбастагии

онҳоро, ҷустуҷӯи созиши устувори манфиатҳои гуногунро дар назар дорад (с. 205-210).

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия илмӣ бо вуҷуди он ки қонунгузории Тоҷикистон ва заминаи ҳуқуқии фаъолияти корхонаҳо дар заминаи соҳибкории озод таҳким ёфтаанд, зарур аст ки татбиқи ислоҳоти корхонаҳо дар сатҳи микроқтисодӣ тезонида шавад. Ислоҳоти корхонаҳо бояд натиҷаи фаъолияти мувофиқашудаи роҳбарон, моликон ва кормандон бо нақши ҳамоҳангсозии давлат дониста шавад. Давлат бояд дар мувофиқа бо сиёсатҳои макроиқтисодӣ сиёсати микроиқтисодиро таҳия ва татбиқ намояд. Айни ҳол, суръатбахшии раванди дигаргуниҳои муҳим ҳангоми ислоҳоти корхонаҳо бо як қатор омилҳо маҳдуд карда мешавад (с. 211-214).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар шароити муосири иқтисодӣ, дастгирии давлатии соҳибкорӣ бояд дар самти таҳияи механизми мувофиқе сурат гирад, ки нерӯи иҷтимоию иқтисодии субъектҳои соҳибкориро таъмин кунад ва захираҳои молиявии буҷетро самаранок тақсим кунад. Хусусиятҳои усули барномавӣ мақсаднок нобаробарӣ ва номутаносибиро дар низомҳои иҷтимоию иқтисодии ҳам давлат ва ҳам дар минтақаҳо дар тақсими захираҳои молиявии давлатӣ коҳиш медиҳанд. Усули барномавӣ- мақсаднок барои ноил гардидан ба натиҷаҳои ҳалли мушкилиҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст (с. 216).

Вобаста ба самтҳои асосии дастгирии давлатӣ муаллиф қайд менамояд ки, дар асоси таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки сиёсати экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҳким бахшида шуда, ба беҳбудии сифати зиндагӣ дар кишвар нигаронида шавад. Бояд гуфт, ки камбудиҳои мавҷуда дар татбиқи сиёсати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди мамлакат монеъ мешавад. Коршиносон хавфҳои асосие, ки дар соҳаи сиёсати экологӣ дучор мешаванд, муайян карданд (с. 222-224).

Муаллиф оид ба масъалаи нақши мақомти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ қайд менамояд, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ зарур аст, ки бо истифода аз шароити мавҷуда ва фазои сулҳу ваҳдат тамоми имкониятҳоро истифода бурда, баҳри таҳким ва рушду нумӯи соҳибкории экологӣ заминаҳои мусоид фароҳам оваранд, то ин ки табиати биҳиштосои ҳар як маҳали Ватани

маҳбубамонро аз ҳар гуна моддаҳои зарароварии заҳролуд нигоҳ дошта, баҳри баланд бардоштани вазъи экологию иқтисодии он камари ҳиммат бандем (с. 237-239).

Дар боби панҷуми диссертатсия — «Стратегияи рушд ва идоракунии соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - самтҳои стратегии рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст, роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии соҳибкории экологӣ пешниҳод шудааст ва рушди маърифати экологӣ ҳамчун омили баланд бардоштани соҳибкории экологӣ асоснок гардидааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки барои рушди бомуваффақияти соҳибкории экологӣ дар Тоҷикистон инфрасохтори ёрирасонро ташкил намудан лозим аст. Пеш аз ҳама, қитъаҳои замин барои боғҳои экологӣ ва минтақаҳое ҷудо карда шаванд, ки дар онҳо ба соҳибкорон шартҳои имтиёзнок барои иҷора ва хариди замин дода мешаванд. Таъмини субсидияҳо барои сохтмон ва таҷдиди иншооти экологӣ, аз қабили нерӯгоҳҳои тозакунандаи об ва нерӯгоҳҳои бодӣ низ муҳим аст. Илова бар ин, зарур аст, ки марказҳои дастгирӣ барои соҳибкорони экологӣ таъсис дода шавад, ки дар онҳо соҳибкорон донишҳои заруриро соҳиб гардида, барои пешбурди тиҷорати худ машваратҳои заруриро соҳиб мегарданд.

Барои таъмини рушди бомуваффақияти соҳибкории экологӣ дар Тоҷикистон ба таълиму тарбияи соҳибкорони соҳаи экология диққати махсус додан зарур аст. Онро тавассути ташкили курсҳо ва тренингҳои махсус ба даст овардан мумкин аст, ки дар онҳо ба соҳибкорон дар бораи технологияҳои экологӣ, идоракунии партовҳо, самаранокии энергия ва дигар паҳлӯҳои тиҷорати экологӣ маълумот дода мешавад. Инчунин дастгирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва коркардҳо дар соҳаи экология муҳим аст, то соҳибкорон дар фаъолияти худ аз қарорҳои пешрафтаи инноватсионӣ истифода баранд (с. 242-245).

Муаллиф қайд кардааст, ки байни маърифати экологӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ робитаи зич вуҷуд дорад. Маърифати экологӣ маҷмӯи пурраи принсипҳо, назарияҳо ва усулҳоро пешниҳод мекунад, ки ба корхонаҳо барои баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирӣ кӯмак мерасонанд. Он дорои иқтидори бузург барои рушд ва тағйир

додани бахши соҳибкорӣ аст, аммо барои ин бояд таҳқиқоти дарозмуддат ва татбиқи амалӣ гузаронида шаванд (с.281-282).

Рушди маърифати экологӣ бо таъсири омилҳои гуногун, ки дар ин соҳа нақши ҳалкунанда мебозанд, муайян карда мешавад. Яке аз омилҳои асосие, ки ба ташаккули маърифати экологӣ таъсири раднопазир дорад, ин сиёсати давлатӣ дар соҳаи экология мебошад. Онҳо иҷрои муқаррарот ва татбиқи қонунгузории дахлдорро, ки ба ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор нигаронида шудаанд, таъмин мекунанд (с. 287-288).

Дар хулосаи рисолаи илмӣ муқаррарроти асосии таҳқиқот оварда шуда, тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсия асоснок гардидаанд.

7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия

Новобаста ба дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудӣ ва норасоиҳо мавҷуд мебошад. Чунончи:

1. Дар қисмати «дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ» муаллиф таҷрибаи бисёр олимони ватаниро қайд намудааст, вале кадом самти мавзуи таҳқиқот аз ҷониби онҳо омӯхта шудааст, мушаххасу саҳеҳ нишон дода нашудааст.

2. Дар доираи зербоби 1.2. равишҳои методӣ барои арзёбии вазъи экологӣ-иқтисодии минтақа муфассал таҳқиқ шудаанд, вале усулҳои арзёбии қобили қабул барои минтақаҳои кишвар, инчунин камбудию бартариҳои усулҳо пурра баррасӣ мегардиданд, ба манфиати кор мебуд.

3. Дар раванди таҳқиқот таърифи муаллифии низоми идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар мамлакат пешниҳод шудааст, вале вижагиҳои хоси ин мафҳум ба таври васеъ шарҳ дода нашудаанд.

4. Зербоби 2.2. дар бораи меъёрҳои асосии ташаккул ва рушди соҳибкории экологӣ сарфи назар шудааст, кор бурд мекард агар муаллиф ин масъаларо мушаххастар баррасӣ менамуд.

5. Муаллиф агар зербоби 3.3. дар боби 5 пешниҳод менамуд, мазмун ва мундариҷаи кор ранги дигар мегирифт. Он гоҳ муаллиф метавонист пешниҳодҳоро бо хулосаҳои мушаххас ҷамъбаст мекард.

6. Кор бурд мекард агар муаллиф дар тадқиқоти илми PEST – таҳлил мегузаронд ва ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфӣ, таҳдидҳо, хавфҳо ва имкониятҳои онро инъикос менамуд, чунки тадқиқоти илмии муаллиф самтҳои рушдро дарбар мегирад.

7. Зербоби 3.4. муаллиф таҳлил оид ба рушди корхонаҳои саноатӣ (истеҳсоли семент, нуриҳои минералӣ ва ғ.) мавриди баррасӣ қарор додааст, лекин таъсири манфии он ба муҳити зист ва оқибатҳои он хулосабардорӣ намудааст.

8. Дар матни диссертатсия хатогиҳои техникӣ ва имлогӣ вомехӯранд.

Вале, метавон қайд кард, ки камбудӣ ва норасогиҳои ҷойдошта аҳаммият ва қимати илмию амалии таҳқиқотро паст намекунад ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Сохтори диссертатсияи докторӣ аз нуқтаи назари мантиқӣ дуруст буда, рисолаи мазкур дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад. Диссертатсияи Досиев М.Н. дар сатҳи зарурӣ омода карда шуда, аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботи мавҷуда буда, натиҷаи фаъолияти мустақилона ва ба итмомрасидаро нишон медиҳад.

8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаванда

Мақолаву асарҳои интишорёфтаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамоянд. Аз рӯи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ 80 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 25 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

9. Мувофиқати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаи илмӣ»

Автореферат ва корҳои нашршудаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии корро инъикос менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ оид ба такмили идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” асоснок гардида, мазмуни асосӣ шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Умуман, диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Аз ин лиҳоз, арзанда мебошад, ки ба муаллифи рисолаи диссертатсионии мазкур Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дараҷаи илмии доктори илми иқтисодӣ аз

рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дода шавад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон **Дадоматов Д. Н.**

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Дадоматов Д. Н.- ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Мирпоччоев И. Ҳ.**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, 17-ум мкр-н., хонаи 1. Телефон: +992 34 22 23811, е –mail: tsulbp@rambler.ru